**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ

аз 27 феврали соли 2024 № 6/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 мутобиқи банди 58 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ барои экспертиза қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

- Қудратов Рустам Раҳматович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Ҷабборов Фатҳулло Амриевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи

довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** — **Ҷурабоев Ғ.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** — **Исмоилов А.А.**